# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исуфов Шердил Ватанович «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Таърихи рушди соҳаи кишоварзӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз мавзӯъҳоест, ки бе омӯхтани он таърихи тамоми давраҳои ҷанг ва саҳми мардуми ақибгоҳ ғайри имкон аст.

Дар ин раванд диссертатсияи номзадии Исуфов Шердил Ватанович «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945)» аҳамияти илмӣ-амалӣ ва тарбиявӣ дорад.

Рисолаи мазкур дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ, асарҳову китобҳо, мақолаҳо ва нашрияҳои даврии замони ҷанг анҷом дода шудааст.

Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад.

Дар пешгуфтори рисола мубрамияти мавзуъ баён шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, инчунин, сохтори диссертатсия муайян гардидаанд.

Навоварии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ба таври муккамал тамоми соҳаҳои хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Мундариҷаи асосии диссертатсияро масъалаҳои корнамоиҳои меҳнатии деҳқонони колхозии вилояти Кӯлоб дар солҳои ҷанг, саҳми заҳматкашони деҳоти вилояти Кӯлоб дар ғалабаи мардуми шӯравӣ ва вазъи рушди ҳаёти маданӣ-маишии мардуми вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳад.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯ Исуфов Ш.В. дар ин рисола ҷамъбасти хулосавии ҳар як зербоб ва бобҳои он мебошад, ки ҷолиб ва мавриди таъкиди махсус аст. Ин ҷиҳати кор низ аз ҷустуҷӯҳои илмӣ, мустақилияти фикрӣ, навоварӣ ва навгӯии муаллиф дарак медиҳад.

Дар охир муаллиф ба хулосае меояд, ки "аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд, аз рафтани мардони қобили меҳнат ба фронт ва сафарбаркунии меҳнаткашон, деҳқонони колхозҳо ба душвориҳо дучор омаданд. Ҷанг беш аз пеш қувваи кориро талаб мекард. Зеро бисёре аз кормандони соҳаи кишоварзӣ ба сафи артиш даъват карда шуданд, ки шараф ва истиқлолияти Ватанро ҳифз кунанд". Аз ин хулосаи муаалиф дарк намудан мумкин аст, ки таҳқиқи мавзуи мазкур дар таърихнигории минтақавӣ дар бораи таҳлили тараққиёти соҳаи кишоварзии вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз аҳамияти илмӣ-амалӣ холӣ нест.

Ҳамин тариқ, диссертасияи Исуфов Шердил Ватанович «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, ба ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Набизода Ваҳҳоб Машраб

Имзои профессор Набизода В.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврузов Э.М.

«27» 02 2023 с.

Суроға: 735700, Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
Тел: (+992) 92-803-00-01
Email: v.m.nabiev@mail.ru